# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-077-и назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба кори диссертатсионии Саидиброимов Шозодаиброҳим Одилшоевич дар мавзуи “Ташаккули хирад ҳамчун хориқаи сирати миллӣ дар тафсири мутафаккирони асрҳои X-X1-и форсу тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот**

1.Диссертатсияи илмии Саидиброимов Ш. О ба яке аз масъалаҳои мубрами соҳаи маорифи Тоҷикистон таҳти унвони “Ташаккули хирад ҳамчун хориқаи сирати миллӣ дар тафсири мутафаккирони асрҳои X-X1-и форсу тоҷик» бахшида шудааст. Мавзуи диссертатсияи Саидиброимов Ш. О. мубрам ва тақозои замони муосир буда, мубрамияти мавзуи мазкур дар он зоҳир мегардад, ки дар он ба мазмун ва мақсади омӯзиши афкори педагогии мутафаккирони асрҳои X-X1-и форсу тоҷик вобаста ба талаботи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва ҷомеаи муосир муҳим арзёбӣ шудааст.

Муҳаққиқ вазифаҳои таҳқиқотро хеле дурусту нишонрас муайян карда, асосҳои назариявии истифодабарии афкори педагогии мутафаккирони асрҳои X-X1-и форсу тоҷик оид ба ташаккули хирад ҳамчун хориқаи сирати миллӣ ва нақши он дар таълиму тарбияи насли наврас коркард намуда, роҳҳои ташаккули хирад ҳамчун хориқаи сирати миллӣ ва амалигардонии афкори педагогии мутафаккирони асрҳои номбурдаро дар таълиму тарбияи насли наврас баррасӣ намуда, амалигардонии назарияро дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ таъмин менамоянд, ошкор сохтааст.

Арзиши амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф асосҳои назариявӣ, коркарди методӣ ва натиҷаҳои онро, амсилаи муассиру дар асоси озмоиш санҷидашударо пешниҳод менамояд, ки метавонанд ҳангоми таълими фанҳои забон ва адабиёти тоҷик, курсҳои махсуси такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорон мавриди истифода қарор гиранд. Маводи илмӣ - методии таҳқиқотро ҳангоми такмили ихтисоси омӯзгорон ва

тайёрии касбӣ - методии омӯзгори ояндаи забон ва адабиёти тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ истифода бурдан имконпазир аст.

·2. Диссертатсияи доктории докторант Саидиброимов Ш. О. дар мавзуи **“Ташаккули хирад ҳамчун хориқаи сирати миллӣ дар тафсири мутафаккирони асрҳои X-X1-и форсу тоҷик»** ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти **дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот** ҷавобгӯ аст.

Мавзуи таҳқиқотии интихобнамудаи Саидиброимов Ш. О. дар мавзуи **«Ташаккули хирад ҳамчун хориқаи сирати миллӣ дар тафсири мутафаккирони асрҳои X-X1-и форсу тоҷик»**, бешак муҳим ва мубрам буда, ба яке аз масъалаҳои муҳими ҷомеаи муосир таълиму тарбия намудани насли наврас дар руҳияи ташаккули хирад ҳамчун хориқаи сирати миллӣ бо истифода аз афкори педагогии мутафаккирони асрҳои X-X1-и форсу тоҷик ва татбиқи ақидаҳои ин мутафаккирон дар таълиму тарбияи насли наврас дар замони муосир бахшида шудааст.

Масъалаҳои таҳкими тарбияи ахлоқии насли наврас ва беҳтар намудани шароитҳои таълиму тарбияи фарзанд, инчунин омодагии онҳо ба ҳаёти мустақилона, тайёр намудани кадрҳои баландихтисос барои оянда аз ҷумлаи мушкилотҳое мебошанд, ки таваҷҷуҳи тамоми мақомотҳои давлатӣ, муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва аҳли ҷомеаро ба худ ҷалб кардаанд. Бинобар ин, докторант хеле баҷо тҳқиқ кардааст, ки бо дарназардошти муҳимияти тарбияи насли наврас дар руҳияи ташаккули хирад ҳамчун хориқаи сирати миллӣ бо истифода аз осори мутафаккирони асрҳои X-X1-и форсу тоҷик, педагогикаи мардумӣ, эҳё ва равнақ бахшидани анъанаҳои миллӣ, ҷашну маросимҳои миллӣ, ҳифзи арзишҳои фарҳанги миллӣ, таҳкими асосҳои ташаккули ҷомеа ва ахлоқи ҳамидаи инсонӣ бо такя ба афкори тарбиявии мутафаккирони асрҳои X-X1-и форсу тоҷик, арзишҳои фарҳанги миллӣ, анъана ҷашну маросимҳо, расму оин яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлат дар ин самт ба шумор меравад.

Вобаста ба андешаву мулоҳизаҳои иброзшуда ба сифати рисолаи илмӣ интихоб намудани мавзуи **«Ташаккули хирад ҳамчун хориқаи сирати миллӣ дар. тафсири мутафаккирони асрҳои Х-Х1-и форсу тоҷик»**, аз ҷониби Саидиброимов Ш. О. бамаврид ва саривақтӣ маҳсуб ёфта, мубрамии таҳқиқи мавзуи диссертатсияи муҳаққиқро бозгӯ мекунад. Дар баробари ин докторант таҳқиқ намудааст, ки коркарди ҳамчунин як мавзуи илмӣ бевосита ба амалишавии талаботи асосии Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаматарафа мусоидат хоҳад кард.

Докторант хеле нишонрас фарзияи таҳқиқоти хешро муайян карда, дуруст таъкид кардааст, ки ташаккули сирати миллӣ ба шарте дуруст ба роҳ монда шуда, натиҷаҳои дилхоҳ ба бор хоҳад овард, агар дар тарбияи насли наврас ақидаҳои тарбиявии мутафаккирони асрҳои Х-Х1-и форсу тоҷик васеъ истифода бурда шавад, зимни тарбияи насли наврас афкори педагогии мутафаккирони форсу тоҷик, педагогикаи мардумӣ ва ҷашну маросимҳо ва анъанаҳои миллӣ ба назар гирифта шаванд, падару модарон ҳангоми тарбияи фарзандон ва омода намудани онҳо ба ҳаёти мустақил пеш аз ҳама ба афкори педагогии мутафаккирони тоҷик такя кунанд, педагогикаи мардумиву миллии халқи тоҷик, ки имконияту мазмуни ғанӣ дорад, дар тарбияи насли наврас истифода бурда шавад ва таҳқиқ ва омӯзиши анъанаву ҷашну маросимҳо ва урфу одатҳои миллии халқи тоҷик дар заминаи анъанаҳои пешқадам ва мусбат, ки аҳамияти педагогӣ ва назариявию амалии такмили низоми таълиму тарбияро дар муассисаҳои таълимӣ ва ҷомеа доро мебошанд, ба назар гирифта шавад.

Муҳаққиқ афкори тарбиявии мутафаккирони асрҳои Х-Х1-и форсу тоҷик оид ба ташаккули хирад ҳамчун хориқаи сирати миллиро объекти таҳқиқоти мавриди муҳокима ва таҳлилҳои илмӣ қарор дода, роҳу усулҳои самараноки ташаккули сиртаи миллиро дар ҷараёни омода намудани хонандагони муассисаҳои таълимӣ ба ҳаёти мустақил дар доираи ахлоқи баланди инсонӣ дар замони муосир мавриди таҷрибаву озмоиш қарор дода, дар ин замина хулосаву тавсияҳои илмӣ-методӣ пешниҳод кардааст, ки

истифода аз онҳо дар омодасозии хонандагон ба ташаккули сират ва арзишҳои миллӣ ва бунёди ҷомеаи солиму босаодат бемуболиға кӯмак ва мусоидат хоҳанд кард.

3. Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсияи Саидиброимов Ш. О.ба талаботи тартиб додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти **дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот** сазовор мебошад, ҳамчунин диссертатсия ба Феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Раёсати КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2017, №5/2 мекунад.

Муаллифи диссертатсия масъалаҳои такмили методикаи таълими фанни забон ва адабиёти тоҷикро дар доираи барномаи таълими амалкунанда, бо такя ба афкори педагогии мутафаккирони асрҳои X-X1-и форсу тоҷик оид ба ташаккули хирад ҳамчун хориқаи сирати миллӣ мавриди таҳқиқи қарор додааст ва дар заминаи маводи назариявӣ-методӣ ва натиҷаҳои фаъолияти озмоишӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва Филиали муассисаи давлатии “Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф” дар ВМКБ усулҳои инноватсионии татбиқи муносибати босалоҳиятро дар таълими фанни номбурда бо истифода аз таҷрибаи илмӣ-амалии худ дар ин соҳа асоснок ва пешниҳод намудааст. Ин аввалин таҷриба дар таҳқиқи афкори педагогии мутафаккирони асрҳои X-X1-и форсу тоҷик оид ба ташаккули хирад ҳамчун хориқаи сирати миллӣ буда, бо асолат ва моҳияти таҷрибавӣ-амалии худ аз таҳқиқотҳои дигар дар соҳаи педагогика тафовути ҷиддӣ дорад, ки бешубҳа, аз дастовардҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, мавзуи диссертатсияи Саидиброимов Ш. О. мубраму муҳим буда, аз ҷиҳати асоснокии илмӣ ва татбиқи амалӣ дар раванди таълим шоистаи дастгирист.

Диссертатсияи мазкур мутобиқ ба талаботи Низомнома дар бораи шурои диссертатсионӣ, ки 30 июни соли 2021 таҳти № 267 ба тасвиб

расидааст, таълиф гардидааст. Он дар ҷаласаи васеи кафедраи педагогика, равоншиносӣ ва методикаи таълими фанни Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев аз 04.09.2024, протоколи №8 ва ҷаласаи васеи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев аз 26.09.2024. протоколи №01 муҳокима гардида, барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 пешниҳод карда шудааст.

Диссертатсия дар Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев рӯзи 26.09.2024 бо иштироки муқарризон: Қаландариён Ҳ.С.– доктори илмҳои филологӣ, директори Инсититути илмҳои гуманитарӣ ба номи Б. Искадаров, Иматзода Л. - доктори илмҳои педагогӣ, достсент, мудири шуъбаи педагогика ва психологияи ПРМ ба номи А. Ҷомии АТТ, Файзализода Б. Ф - доктори илмҳои педагогӣ, достсенти кафедраи технологияи иттилоотӣ ва методикаи таълими информатика ДДБ муҳокима ва мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Дар хулосаи ҷаласаи васеи кафедраи педагогика, равоншиносӣ ва методикаи таълими фанни Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев ва ҷаласаи васеи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев ба диссертатсия баҳои мусбат дода шудааст.

1. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар мавридҳои зерин баррасӣ ва истифода шудаанд:

- гузориш ва муҳокимаҳои мунтазам дар ҷаласаҳо, мизҳои мудаввар ва семинарҳои илмӣ-методии Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев ва семинарҳои байналмилалӣ;

- маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ оид ба татбиқи афкори педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI-и форсу тоҷик дар педагогикаи муосири миллӣ бо роҳи муносибати босалоҳият ба таълим, методҳои инноватсионии таълим, баланд бардоштани сифати таҳсилот, аз ҷумла: Конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи “Таҳсилоти фарогир, мушкилот ва ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли он (Душанбе, 2018) // Ба

корафтода коромӯз мебош, Конференсияи вилоятии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 150-солагии нахустомӯзгори Бадахшон, шоир ва таърихнигор Шоҳфутур Муҳаббатшоҳзода (15-16-уми сентябри соли 2019) // Шоҳфутур азизи дилҳо, Конфренсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи "Рушди илм ва маориф дар шароити ҷаҳонишавӣ дар мисоли шароити кӯҳистон: мушкилот, равишҳои нав ва таҳқиқотҳои дахлдор (Хоруғ, 2022) // Андешаҳо перомуни тақдирсоз будани Иҷлосияи XVI - уми Шӯрои Олии Тоҷикистон, Конфренсияи байналмилалии III-юми илмӣ-назариявӣ таҳти унвони "Рушди илм ва маориф дар шароити ҷаҳонишавӣ дар мисоли минтиқаи кӯҳистон: мушкилот, равишҳои нав ва таҳқиқотҳои дахлдор" (Хоруғ, 14-15-уми июни соли 2024) // Инъикоси дарс-воситаи рушди касбии омӯзгор ва ташаккули сифтаи таълим ва курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон, машваратҳои январӣ ва августии омӯзгорон;

- натиҷаҳои пешакии таҳқиқот дар семинарҳои машваратӣ бо омӯзгорон санҷида шуда, таъйид ёфтаанд.

2. Натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли мақолаҳои илмӣ дар конференсияҳо ва семинарҳои илмӣ-амалӣ баррасӣ гардида, аз санҷиш гузаштаанд ва нуктаҳои асосӣ, хулоса ва тавсияҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 4 монография ва 50 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 21 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА Вазорати илм ва таҳсилоти олии ФР ба табъ расидаанд. Натиҷаҳои таҳқиқот, ки дар диссертатсия инъикос ёфтаанд, бо иштироки бевоситаи муаллиф ба даст омадаанд.

Теъдоди интишороти муаллифи диссертатсия дар нашрияҳои тақризшаванда ё худ эътирофшуда ба талаботи банди 34-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

3. Маводи диссертатсия бо истифодаи аз услуби илмӣ, ишораҳои мувофиқ ба муаллифон ва сарчашмаҳои иқтибосшуда корбаст шуда, ба талаботи **Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ** мутобиқат мекунад.

4. Диссертатсия, ки барои ҳимоя ва **дарёфти дарачаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот** пешниҳод шудааст, ба талаботи Низомнома оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ аст. Таҳлилҳои шахсӣ, андешаҳои судманд, хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои ҷолиб ҳамзамон бо яклухтии мундариҷа ва муҳтавои диссертатсия аз саҳми шахсии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар илми педагогика ва методикаи таълим гувоҳӣ медиҳад.

5. Талаботи Низомнома дар бораи шурои диссертатсиониро ба эътибор гирифта, комиссияи экспертӣ оид ба ташхиси диссертатсияи Саидиброимов Ш.О. дар мавзуи «Ташаккули хирад ҳамчун хориқаи сирати миллӣ дар тафсири мутафаккирони асрҳои Х-Х1-и форсу тоҷик», ки барои ҳимоя ва **дарёфти дарачаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот** пешниҳод шудааст, ба талаботи Низомнома оид ба Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ буда тавсия медиҳад:

а) диссертатсияи илмии Саидиброимов Шозодаиброҳим Одилшоевич дар мавзуи **«Ташаккули хирад ҳамчун хориқаи сирати миллӣ дар тафсири мутафаккирони асрҳои Х-Х1-и форсу тоҷик»** барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-077-и назди АТТ иҷозат дода шавад;

б) ба сифати **муассисаи пешбар:** МДТ “Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ” пешниҳод карда шавад;

в) ба сифати муқарризони расмӣ: **Шарифзода Файзулло** – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, сармутахассиси шуъбаи инноватсия ва психологияи таҳсилоти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон; **Хоҷаев Курбон** – доктори илмҳои педагогӣ, профессори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон; **Исрофилниё Шарифмурод Раҳимзода** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон таъйин карда шаванд.

8. Барои муайян кардани вақти ҳимоя, нашр ва ҷойгир кардани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон нашр ва паҳнкунии автореферат иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои педагогӣ,
профессор Лутфуллозода М.

Аъзоҳои комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои педагогӣ,
профессор Раҳимзода Х.

доктори илмҳои педагогӣ Гулмадов Ф.

«23» январи 2025

*"Имзои М. Лутфуллозода, Х. Раҳимзода ва Ф. Гулмадовро тасдиқ мекунам"*

*Нозири кадр ва коргузории АТТ* *М. Саидова*

Ҷ.М.

ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН
РЕСПУБЛИКА ТАДЖИКИСТАН, АКАДЕМИЯ ОБРАЗОВАНИЯ ТАДЖИКИСТАНА
ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ